«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор

"26" 03 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илми эълоншуда. Диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси корманди илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ва бандҳои: 1, 3, 9, 13, 14, 17, 28, 42 ва 43-и он мувофиқат менамояд.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ. Раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба тағйиротҳои куллӣ дар муносибатҳои аграрӣ, рушди низоми нави заминдорӣ ва беҳдошти вазъи экологии заминҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд. Ин вазъ, дар соҳаи кишоварзӣ аз таъминоти иттилоотиву таҳлили истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ маншаъ гирифта, он ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ равона мегардад. Ҳалли масъалаҳои мазкур, аз истифодаи самараноки захираҳои замини таъиноти кишоварзӣ, бахусус такроистеҳсолу ҳифзи захираҳои замини мавҷудаи кишоварзӣ ва низоми нави хоҷагидорӣ дар минтақаҳои кишвар маншаъ мегирад.

Дар шароити минтақаҳои кишоварзӣ ва камчинии заминҳои обёришавандаи он масъалаи таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва дар заминаи он баҳои

арзиши экологӣ-иқтисодии онҳо хеле муҳим мебошад. Он ба зиёд намудани истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ ва беҳдошти муҳити зист равона гардида, тавассути дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва минтақаҳои кишвар, омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ-методологӣ, мубрамият, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмии мазкуро муайян менамояд.

3. Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Дар диссертатсия асосҳои назариявии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар заминаи арзёбии иқтидори захиравӣ-табиии минтақаҳои кишоварзӣ таҳқиқ гардида, тавсияҳои илман асоснокгардида оид ба усулҳои такмили таъминоти истифодаи онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳияи ҷанбаъҳои назариявӣ-методологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва беҳдошти вазъи экологии онҳо, асосноккунии услуби баҳои самаранокии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, дар заминаи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба низоми ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва истеҳсолӣ-иқтисодӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ равона мегардад.

Ба ҳимоя муаллиф нуктаҳои зерини паҳлуҳои илмӣ-назариявӣ ва услубии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро пешниҳод кардааст, ки он дорои унсурҳои зерини навгонии илмӣ мебошад:

- дар асоси омӯзиши ҷанбаъҳои назариявӣ, муаллиф назарияи мафҳуми таъминоти иттилоотиву таҳлилиро асоснок намуда, қайд менамояд, ки он ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, баҳои арзиши экологӣ-иқтисодии заминҳои мазкур, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд;

- асоснокнамоии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун омили муҳим, манбаи асосии даромади аҳолӣ дар деҳот ва заминаи асосии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, воситаҳои техникию технологӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба рушди минтақаҳо хизмат намуда, низоми иттилоотиву таҳлилӣ ҳамчун ҷузъи муҳими ҷараёни истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ муайян ва баҳогузорӣ мегардад;

- вазъи кунунии таъминоти иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва идоракунии захираҳои замин дар вилояти

Хатлон таҳлил ва он ҳамчун унсури муҳими рушди соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ гардида, муаммоҳо ва омилҳои маҳдудкунандаи такористеҳсол ва нигоҳдорию ҳифзи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ вобаста ба шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва соҳавӣ натиҷагирӣ карда шудааст;

- такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар асоси танзими давлатии муносибатҳои аграрӣ-заминдорӣ пешниҳод карда шудааст, ки он ба истифодаи самараноки захираҳои замин ва ҳамкориҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ дар ин самт равона гардида, ба масъалаи тақсими одилонаи заминҳои кишоварзӣ байни хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки боиси оқилона ва дуруст истифодбарии заминҳои кишоварзӣ дар заминаи рушди устувори соҳаи кишоварзӣ мебошад барои даврaҳои дарозмӯҳлат пешниҳод карда шудааст;

- асоснок намудани тавсияҳо оид ба таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки ба раванди такористеҳсоли васеи заминҳои кишоварзӣ, беҳтаршавии вазъи экологӣ ва ҳисоботи оморӣ мусоидат намуда, тавассути механизми дастгирии давлатии рушди субъектҳои хоҷагидорӣ, бахусус хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар заминаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ мусоидат менамояд.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва услубии пажуҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти истифодаи самараноки захираҳои заминҳои кишоварзӣ, механизми идоракунии низоми заминдорӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, принсипу хусусиятҳои хосу соҳавӣ ва бо такя ба маҷмуи усулҳои назариявӣ ва амалӣ мутобиқ ба мавзуъ, ҳадаф ва масъалаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёбад.

Дараҷаи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва хулосаву тавсияҳои дар он инъкосёфта зимни арзёбии шароит ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълумотӣ, назарсанҷиҳо, экспериментҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ ва вебинарҳо, тасдиқи нуқтаҳои дар фарзия пешниҳодгардида, омӯзиши дастҷамъонаи усулҳои мувофиқ ба масъалаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ва нашри маводи илмии таҳқиқот ба даст оварда шавад. Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия

овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷиро дар бахши истифодаи самараноки захираҳои замини кишоварзӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона ва боҷуръатона бо адабиётҳои илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст ва мустақилона бо факту рақамҳои оморӣ вобаста ба мақсади таҳқиқот гирд оварда, коркард ва натиҷагирӣ намудааст.

5. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ-методологии дар диссертатсия асоснокгардида, ба истифодаи самараноки захираҳои замин ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои кишвар мусоидат менамояд. Бахусус, хусусиятҳои хоси соҳавӣ дар таъмини иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои мамлакат барои таҳлилу баррасии ҷанбаҳои назариявӣ-амалии рушди низоми заминдорӣ ва шаклҳои нави хоҷагидорӣ, ки дар диссертатсия ошкор карда шудааст, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди устувори минтақаҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд. Баъзе аз муқаррарот ва натиҷаҳои илмии таҳқиқотро дар такмили барномаҳои курсҳои махсуси фанҳои таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ҳамчун базаи назариявӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва услубии пешниҳодгардида ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва рушди устувори минтақаҳои кишвар мусоидат менамояд. Бахусус, хулосаҳои илмӣ-амалӣ, усулҳо, равишҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд ҳамчун афзори услубии таҳлили вазъи истифодаи захираҳои замин ва низоми иттилоотии он дар минтақаҳои кишвар ва танзими давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияҳои алоҳидаи он таъмин намуда, барои таъмини бехатарии озуқаворӣ шароити муносиб фароҳам созад.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди ташаккул ва рушди низоми заминдорӣ дар сохторҳои давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ ҳангоми идоракунии захираҳои замин хизмат намоянд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонад аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин

ҳангоми коркарди «Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» ва мақомоти давлатӣ дар маҳалҳо истифода бурда шавад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати аграрӣ, шаклу усулҳои идоракунии захираҳои замини кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ аҳамияти амалӣ дорад.

6.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Интишороти муаллиф, нуктаҳои асосӣ, навгониҳои илмӣ, иқтибосҳо ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 14 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсия ва автореферати Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори раёсати Комиссияи олиии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

8. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодшуда аз муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодот ва руйхати адабиёт иборат мебошад. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 204 саҳифа оварда шудааст, ки 31 ҷадвал ва 14 расмро дар бар мегирад. Руйхати адабиёт аз 122 номгуй иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот, баҳодиҳии дараҷаи илман коркардшудаи мавзуъ, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии таҳқиқотҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуъ дарҷ гардидааст (С. 4-16).

Дар боби якуми диссертатсия - «Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ» - ақидаҳои назариявӣ оид ба таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ, ҷанбаҳои услубии арзёбии иқтисодии заминҳои таъиноти кишоварзӣ

ва таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ оиди такшили таъминоти иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ оварда шудааст (С. 17-75).

Натиҷаҳои ба дастомада дар ин боби диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф зимни таҳқиқи заминаҳои илмию назариявӣ оид ба тавзеҳи моҳият ва аҳамияти захираҳои замин ҳамчун объект ва воситаи асосии иттилоотии кишоварзӣ ба хотири таҳлили истифодаи самараноки он барои истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулотҳои озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳо равона гардида, ба хулосае омадааст, ки дар шароити буҳрони озуқавории ҷаҳонӣ, маҳз таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ шароитҳои мусоид фароҳам меорад (С. 20-32).

Муаллиф қайд менамояд, ки захираҳои замини кишоварзӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияҳои кишвар ҳамчун омили муҳим ва воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ хизмат менамояд. Маҳз, дар ҳамин маъно арзиши замин дар заминаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ барои рушди ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат дуруст баҳогузорӣ гардида, истифодаи оқилонаи онҳо барои рушди устувори иқтисодиёти мамлакат, дар маҷмуъ мусоидат менамояд. Аз ин нуқтаи назар, захираҳои замин якҷоя бо дигар омилҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографию экологӣ барои низоми хоҷагидорӣ дар минтақаҳои кишвар хизмат менамояд (С. 38-45).

Дар диссертатсия хусусиятҳои хоси муносибатҳои заминдорӣ аз нигоҳи таъминоти иттилоотиву таҳлилии он дар кишварҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, пешниҳод мегардад, ки муносибат бояд нисбати беҳтар намудани сифати захираҳои замин ҳамчун объекти хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсири мусбии худро расонида, минбаъд ҳамчун субъекти моликиятдорӣ зери таъсири омилҳои дигари истеҳсолӣ барои такрористеҳсоли васеи заминҳои кишоварзӣ шароит фароҳам оварда, дар таҳкими муносибатҳои иқтисодии соҳаи мазкур бевосита иштирок намояд. Аз ҷониби дигар захираҳои замин ба сифати категорияи махсуси иқтисодӣ ва объекти моликиятдорӣ хизмат намуда, муносибати хосро тақозо менамояд (С. 59-72).

Дар боби дуюми диссертатсия - «Арзёбии ҳолати муосири истифодаи самараноки захираҳои заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон» таҳлили ҳолати муосири соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар асоси таъминоти иттилоотии истифодаи захираҳои замин, арзёбии

иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон ва ошкорсозии муаммоҳои баланд бардоштани иқтидори заминҳои кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ мавриди омӯзиши қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои боби мазкур дорои аҳамияти услубӣ ва амалӣ буда, дар доираи он моҳият ва мақоми захираҳои замини кишоварзӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ таҳлил гардида, муаллиф таъмини иттилоотиро ҳамчун унсури махсуси хоҷагидорӣ, ба тақсими оқилонаи захираҳои замин, аз нигоҳи экологӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва истифодаи самаранокии онҳоро баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ менамояд. Махсусан, барои соҳаи кишоварзӣ заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳамчун унсури муҳими агроиқтисодӣ дар бахши истифодаи мақсадноки захираҳои замин хизмат менамояд. Амалкарди чунин як механизм бояд бо назардошти чораҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ, экологӣ-иқтисодӣ ва хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби давлат дастгирӣ карда шавад (С.77-90).

Хусусиятҳои хоси рушди соҳаи кишоварзӣ аз нигоҳи муаллиф ба истифодаи самараноки захираҳои замин мусоидат намуда, таҳлил ва арзёбии иқтидори экологӣ-иқтисодии он аз бисёр ҷиҳат ба такмили механизми муносибатҳои заминдорӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ вобастагӣ дошта, он барои рушди иқтисодиёти бисёрҷанбаи кишоварзӣ, таъмини самаранокии иқтисодиёт ва вазъи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат менамояд. Ташаккули чунин як муносибат ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ зарурияти ташкили сохтори истифодаи захираҳои замин, баҳои самаранокии ҳар унсури он, мақоми заминро дар рушди соҳаи кишоварзӣ тақозо менамояд. Аз ин хотир, зарурияти коркарди услуб ва такмили ҷанбаъҳои баҳои самаранокии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ муҳим арзёбӣ мегардад (С.100-116).

Дар рисолаи илмӣ ошкорсозии муаммоҳои баланд бардоштани иқтидори заминҳои кишоварзӣ дар заминаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ диққати махсус дода шуда, масоили баҳои арзиши экологӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла такрористеҳсол ва ҳифзи захираҳои замини кишоварзӣ мавқеи асосӣ дода шудааст. Ва ҳалли масъалаи мазкур ба андешаи муаллиф, бе дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи захираҳои замин дар алоқамандӣ бо мақсад ва принсипҳои рушди устувори минтақаҳои кишвар муҳим мебошад, ки он ба таъсири самаранокӣ ва ҳифзи муҳити зист нақши калон мебозад (С.118-128).

Дар боби сеюм - «Роҳҳои беҳтар намудани таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон» - танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ оид ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки онҳо ва таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мавриди таҳлил ва хулосабардорӣ қарор дода шудааст (С.131-164).

Ба андешаи муаллиф танзими давлатии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ хеле зарур мебошад, чунки он пеш аз ҳама, ба таъмини аҳолӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ аз истифодаи оқилонаи захираҳои замин равона мегардад. Ҳамзамон, натиҷаҳои баланди рушди соҳаи кишоварзӣ ҳамон вақт ба даст оварда мешавад, ки агар давлат истифодаи оқилонаи захираҳои заминро дар минтақаҳои кишвар таъмин намояд. Аз ин хотир, танзими давлатии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва баҳои истифодаи самараноки он дар вилояти Хатлон барои муайян намудани дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ аз манфиат холӣ нест (С.132-148).

Муаллиф такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро ҳамчун фишанги муҳими таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ пешниҳод намуда, онро ҳамчун механизми нави муносибатҳои заминдорӣ маҳсуб медонад. Дар шароити кунунӣ фишанги экологӣ-иқтисодӣ ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳифзи захираҳои замин ба ҳисоб рафта, он аз чунин унсурҳои асосӣ, ба мисли: бартарияти технологияи илмғунҷоиш, низоми киштгардони аз нигоҳи илмӣ асоснокардашуда, обғунҷоиши зиротаҳо, баҳисобгирии хароҷотҳои экологӣ, таъмини ҳуқуқии фаъолияти муҳофизати табиат, тарбия ва маълумотнокӣ ва ғайра такя менамояд (С.150-164).

Ба андешаи муаллиф, таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд, ки он ба сарфакунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ, беҳдошти вазъи экологии онҳо нақши калон мебозад. Низоми (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилӣ аз чорабиниҳои дастҷамъонаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва экологӣ-иқтисодӣ маншаъ гирифта, ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, нигоҳдорӣ ва беҳдошти муҳити зист, дар маҷмуъ таъсири мусбӣ мерасонад. Ин ҷо зарур аст, ки омилҳои зерин

таъсири худро ба дараҷаи истифодаи самараноки захираҳои замин ва рушди соҳаи кишоварзӣ на фақат тавассути механизми истифодаи пулакии замин, балки тавассути такмили низоми андозбандӣ, ҷорӣ намудани пардохтҳо барои ифлоскунии муҳити зист ва ташаккули низоми нави заминдорӣ ва ғайра расонанд (С.165-177).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои асосӣ аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ, тавсияҳои судманд барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва вазъи зиндагии аҳолӣ анҷом ёфта, аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст (С.181-185).

9. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Бо ҳамаи марҳилаҳои тавсиявию таҳрезии диссертатсия бо иштироки бевоситаи муаллиф, ба монанди интихоби мавзуъ, асоснонкунӣ ва аҳамият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот гузаронида шудаанд. Муаллиф таҳия ва санҷиши муқаррароти методологиро оид ба таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самаранокии заминҳои кишоварзӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳоро бо нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ ва рушди устувори минтақаҳои кишвар анҷом додааст.

10. Мутобиқати тахассусии илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Аз ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Шарифзода Суҳроб Каримхон бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

11. Эъроду тавсияҳо ба диссертатсия.

Таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, баррасии мушкилоти ҷойдошта, исботи воқеияти навгониҳо ва пешниҳоду таклифотҳоро оид ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар баробари ҷанбаъҳои мусбии диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант хеле муҳим арзёбӣ мегардад:

1. Қисмати мубрамияти диссертатсия бо далелҳои аниқу саҳеҳ оид ба мавҷудияти муаммоҳои истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ бо дарназардошти масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ асоснок мегардид, арзиши кори илмӣ боз ҳам баланд мешуд;

2. Муаллиф агар зимни таҳқиқ ва баррасии ҷанбаъҳои назариявӣ-услубии таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ ба баланд бардоштани самаранокии экологии заминҳои кишоварзӣ аз нигоҳи ҷанбаъҳои

ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва иҷтимоӣ бештар диққат медод, мазмуни рисолаи илмӣ аз ин ҳам пуразиштар мегардид;

3. Муаллиф тавонистааст, ки натиҷаҳои назарраси илмиро ҳамчун навгонӣ дар панҷ банд иброз намояд. Вале мувофиқи мақсад мешуд, агар муаллиф зимни барраси навгонии якум дар он: «Мафҳуми «самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ»-ро аз нуқтаи назари экологӣ-иқтисодӣ баҳогузорӣ менамуд ва ба принсипҳо ва хусусиятҳои хоси истифодаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамуд, он гоҳ арзиши диссертатсияро баланд менамуд;

4. Ҳангоми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ба масъалаи баҳои арзиши кадастри захираҳои замин дар рисолаи камтар диққат дода шудааст. Ҳол он ки ин омил ҳангоми баҳои самараноки экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин ва муайян намудани меъёри андози заминҳои кишоварзӣ мақоми махсус дорад;

5. Чуноне, ки мо медонем, ҳалли чорабиниҳои дастаҷамъонаи баланд бардоштани истифодаи самаранокии заминҳои кишоварзӣ дар рисолаи илмӣ пешниҳод карда шудааст, вале дар он ба ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва вазъи иҷтимоӣ дар деҳот камтар диққат дода шудааст. Ҳол он ки ин омил ҳангоми коркарди услуби баҳои истифодаи самаранокии захираҳои заминҳои кишоварзӣ мақоми махсус дорад;

6. Дар рисолаи илмӣ баъзе хатогиҳои имлоӣ ва стилистикӣ дида мешаванд.

Эъродҳои номбаршуда, ҷиддӣ набуда, характери тавсиявӣ дошта, онҳо ба сатҳи баланди илмӣ-амалии таҳқиқоти анҷомдода таъсири манфӣ намерасонанд ва арзиши диссертатсияро коста намегардонад.

12. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Шарифзода Суҳроб Каримхон сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Нурализода Эмомалӣ Нуралӣ омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

(Протаколи №8 аз 26.03.2026)

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, зид нест, бетараф нест.

Раиси ҷаласа:
н.и.и., и.в. дотсент
Мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Холов Р.Ш.

Ташхисгар:
доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Нурализода Э.Н.

Котиби ҷаласа:
н.и.и., дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Урунбоев А.

Дурустии имзоҳои Р.Ш. Холов, Э.Н. Нурализода, ва А.Урунбоев-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
тел: + 992 (2 -310201), +992 93 519 8111,
почтаи электронӣ: Emomali68@mail.ru
«___»_____ соли 2026